## СУРАТМАҶЛИСИ №44

27-уми январи соли 2024 ш. Душанбе

Иштирок доштанд: аз 15 нафар аъзои Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ки бо фармони КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, таҳти №15/шд тасдиқ гардидааст, 12 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 5 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласа кушода эълон карда шавад. Муҳтарам аъзоёни Шуро ягон пешниҳоди дигар нест? Аъзоёни Шуро хоҳиш намуданд, ки ҷаласа кушода эълон карда шавад. Пешниҳод якдилона ҷонибдорӣ карда шуд.

### РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Шунидани хулосаи комиссияи экспертӣ оид ба диссертатсияи Мирзозода Шаҳриёр Мунавар дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ.

Аз рӯйи масъалаи мазкур раиси комиссияи экспертии Шурои диссертатсионӣ доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви Шурои диссертатсионӣ Ализода З, аъзои комиссияи экспертӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви Шурои диссертатсионӣ Алимов С.Ю. ва доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви Шурои диссертатсионӣ Мирзамонзода Х.М. баромад намуданд (хулосаи комиссияи экспертӣ замима мегардад).

### ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи Мирзозода Шаҳриёр Мунавар дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Ба ҳайси муқарризони расмӣ таъйин карда шаванд:

– **Зоир Ҷурахон Маҷидзода** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Сарходими илмии Шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.М. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

– **Каримзода Умар Карим** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, сардори кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети №2-и Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар – Муассисаи байнидавлатии таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон» (ш. Душанбе), таъин карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи минбаъда дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва чопи автореферат, иҷозат дода шавад.

5. Санаи ҳимоя 20 апрели соли 2024, соати 10:00 таъин карда шавад.

Қарор қабул карда шуд: якдилона.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор — Шарипов Т.Ш.

И.в. котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор — Назаров А.Қ.